**Такриз**

**ба автореферати Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзуи «Фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)». -Душанбе, 2022.**

Дар таърихи сохтмони сотсиалистӣ ҷои намоёнро "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст - отрядҳои пешрафтаи синфи коргари Русия ишғол мекунанд. Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҳукумати Шуравӣ аз вазифаҳои бартараф намудани қафомонии иқтисодӣ ва тараққиёти пуравҷи тамоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ баромада, барои тезондани тараққиёти колхозҳо ва тараққӣ додани обёрӣ ва заминкушой дар Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешиданд. Аз ҷумла, Қарори пленуми Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Умумироссиягӣ (болшевикӣ) аз моҳи ноябри соли 1929 оиди фиристонидани биступанҷҳазориён - коргарони дорои таҷрибаи кофии ташкилотчигӣ ва сиёсӣ ба деҳот барои кор дар колхозҳо бо ҳамин мақсад буд.

Барои татбиқи сохтмони обёрикунӣ ва рушди кишоварзӣ дар Тоҷикистон ва умуман Осиёи Марказӣ шароити мусоиди табиӣ, алалхусус фаровонии об, офтоб, захираҳои меҳнатӣ мавҷуд буданд. Аммо халқи тоҷик дар он солҳои душвор танҳо бидуни кумаки беруна ин вазифаи душвортаринро ҳал карда наметавонист. Барои ҷумҳурӣ шумораи зиёди техника, коргарон, мутахассисон ва одамони босавод лозим буданд.

Дар солҳои 60-80-уми асри XX дар таърихнигории шуравӣ як қатор асарҳои дастаҷамъӣ ва монографияҳои инфиродӣ оид ба коллективонии хоҷагии қишлоқ ва сохтмони колхозӣ, масъалаҳои сохтмони ирригатсионӣ дар Тоҷикистон пайдо шуданд ва дар ин асарҳо фаъолияти бригадаҳои сарпараст ва биступанҷҳазориён қисман инъикос ёфтаанд. Ба истисноი асари А.Русаков (Рабочие двадцатипятитысячники в Таджикистане //Таджикистан в братской семье народов СССР. Душанбе, 1985), ҳамаи муаллифони дигар масъалаи мазкурро дар ҷараёни фарогирии мавзӯъҳои асосии худ ва ба андозаи нопурра баррасӣ кардаанд. Танҳо А. Русаков дар асоси таҳлили далелҳои мушаххас ҷанбаи муҳими кори коргарон - биступанҷҳазориёни Русияро, ки дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, дар самти ҷорӣ намудани низоми нави муносибатҳои истеҳсолии сотсиалистӣ, ташкили иттифоқи синфи коргар ва деҳқонони тоҷик анҷом дода буданд, мухтасар баён карда аст.

Масъалаи фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст чӣ дар таърихнигории шуравӣ ва чӣ замони соҳибистиқлолӣ мутаасифона ба таври кофӣ инъикос наёфтааст. Бояд гуфт, ки ин мавзуъ дар тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба таври комил мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Ба ҷузъ якчанд мақолаҳое, ки роҷеъ ба коллективонии хоҷагии деҳот навишта шудаанд. Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ин ихтиёриён кори самаранокро барои расонидани кӯмаки бародарона, дар шароити душвортарини давраи гузариш оғоз карданд.

Рисолаи диссертатсионӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводҳои бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Ҳадафи таҳқиқот нишон додани раванди ба ҷумҳурии Тоҷикистон омадани "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст, саҳми онҳо дар таҳкими хоҷагии халқи Тоҷикистон мебошад.

Объекти таҳқиқот фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст дар ҷараёни сохтмони иншоотҳои саноативу маишӣ, сохтмони колхозӣ, обёрикунонии маҳалҳои кишвар мебошад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотшаванда, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, заминаҳои методологии таҳқиқот, навоварии илмӣ, муқарраროти ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар пешгуфтори рисола нишон дода шудааст.

Муаллиф Мирзоев Ғ.Ш дар зербобҳои кор хулосаҳои хешро оиди масъалаҳо биступанҷҳазориён дуруст муайян намудааст.

Рисолаи илмии Мирзоев Ғ.Ш. ба ҳама талаботҳо ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф рисоларо ба масъалаҳои зерин ҷудо намудааст: ду боб ва панҷ зербоб. Дар зербобҳо муаллиф оиди раванди омадани биступанҷҳазориён ба ҷумҳурӣ, нақши онҳо дар таъсиси колхозҳо, таҳкими саноати Тоҷикистон, иштироки биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст дар азхудкунии водии Вахшро ҷойгир кардааст.

Умуман, унвонҷӯ фаъолияти биступанҷҳазориён ва гурӯҳҳои сарпарастро дар Тоҷикистон дуруст муайян намудааст. Рисолаи илмии Мирзоев Ғ.Ш. аз он ҷиҳат мусбӣ аст, ки маълумотҳои дар он овардашуда дар асоси маводҳои бойгонӣ ва рӯзномаву маҷалаҳои маҳаллӣ навишта шудааст.

Рисолаи илмии муаллиф Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзуи «Фаъолияти "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)», барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 –таърихи ватанӣ, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он Мирзоев Ғ.Ш., барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02– таърихи ватанӣ  сазовор мебошад.

**Профессори кафедраи таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Ш. Рашидов, доктори илмҳои таърих:**

**Саидов Илҳомжон Мухиддинович**

25.02.23

ning imzosini tasdiqlayman
Sharof Rashidov nomidagi
SamDU kadrlar bo'limi boshlig'i